# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

*ба рисолаи унвонҷӯи кафедраи психологияи факултети фалсафаи ДМТ*

***Бобоёров Холмаҳмад Холиқович***

*дар мавзуи «**Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология*

Бобоёров Холмаҳмад унвонҷӯи кафедраи психологияи факултети фалсафаи ДМТ маҳсуб ёфта, рисолаи худро зери унвони «**Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология барои баррасӣ пешниҳод намудааст.

Дар замони муосир дар рушди самараноки сатҳи таълим ва баланд бардоштани сифати дониши хонандагони муассисаҳои таълимӣ омӯзиши типҳои мизоҷ, хусусиятҳои фаъолияти олии асаб, зуҳуроти хосиятҳо ва ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии онҳо дар раванди азхудкунии дониш муҳим мебошанд.

Ҳамзамон бо ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти кишварамон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи хеш, ки соли 2022 низ таъкид доштанд: *«Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад»*, ки тақвиятбахши ҳамин гуфтаҳост.

Бо ҳамин мазмун асосан ҳадафи таҳқиқоти илмӣ таҳқиқи хусусиятҳои гендерии типҳои мизоҷ ва алоқамандии онҳо бо ҷараёни азхудкунии дониши наврасон буда, бо роҳи дар ҳар як гурӯҳ муайян намудани намояндаҳои типҳои мизоҷ метавон сатҳу сифати азхудкунии донишро баланд бардошт, ки

ба маҳсулнокӣ ва пайдо гардидани майлу хоҳиш аз ҳар як фанҳои таълимӣ мусоидат мекунад.

Диссертатсия аз бахшҳои «Муқаддима», 3 боб, 11 зербахш, бахши «Хулосаҳо» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ» ва бахши «Замимаҳо» иборат аст.

Тавре аз **муқаддимаи рисола** бармеояд, воқеан басо дуруст аст, ки дар ташаккулёбии маҳорату малака ва баланд рафтани сатҳи дониши хонандагон давраи наврасӣ овони басо мусоид ба шумор меравад. Зеро мувофиқ ба далелҳои боэътимоди илмӣ, синни наврасӣ айёмест, ки дар он заминаҳои устувори рушди шахсияти инсон гузошта шуда, бисёре аз тарафҳои инкишофи психикӣ, аз ҷумла азхудкунии дониш вобаста ба типҳои мизоҷ ва хосиятҳои ба худ хоси онҳо таъмин карда мешавад.

Аз ин рӯ, унвонҷӯ бо мақсади қарор додани дарёфти теъдоди ҳарчи бештари роҳу усулҳо ва воситаҳои боварибахши сатҳи саводнокӣ, тавонистааст дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти худ асосҳои илмӣ-методологии масъалаи мазкурро аз ҷиҳати назариявӣ илман таҳлил намояд. Ҳамчунин муаллиф дар доираи рисолаи илмиаш бобати ба тафсил мавриди пажӯҳиш қарор додани ин самти кори таҳқиқот дар доираи **боби аввали рисола** "***Асосҳои назариявӣ-илмии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон ва алоқамандии онҳо ба ҷараёни азхудкунии дониш***" назаре ба таърихи масъалаи баррасишуда, шурӯъ аз аҳди пеш то ба замони имрӯза махсусиятҳои ин масъаларо дар марҳилаҳои мухталиф амиқ омӯхтааст.

Ба ғайр аз ин, бо мақсади муайян сохтани ҳолат ва вазъи кунунии фаъолияти таълимии наврасон бо истифода ва коркарди дақиқи методикаҳои психологӣ ва дигар усулҳои омӯзишӣ тавонистааст ин самти масъаларо низ, равшан намояд.

Дар бобати **боби дуввум** "***Таҳқиқи назариявӣ-психологии хусусиятҳои гендерии мизоҷ ва алоқамандии онҳо дар ҷараёни азхудкунии***

***доніш***", муаллиф таваҷҷӯҳи асосиро ба аҳамият ва таҳлили хусусиятҳои гендерии мизоҷ ва алоқамандии онҳо ҳангоми азхудкунии доніш равона карда, инчунин бо такя ба афкори олимони соҳа рисолати дигари ин масъаларо ошкору баён сохтааст, ки ҳар кадом судмандии хоси худро, махсусан дар марҳилаи рушди кунунии ҷомеаи башарӣ доранд.

Маврид ба зикр аст, ки яке аз принсипҳои асосии ҷомеаи демократӣ эътирофи баробарии занону мардон дар ҳама соҳаҳо мебошад, ки бояд аз хурдсолӣ таъмин гардад. Дар ин ҷода принсипҳои муносибати гендерӣ ба таълим нақши ҳалкунанда мебозанд. Чунин низом тавассути ҷорӣ намудани тартиботи таҳсилоти фарққунанда барои такмили мутаносиби типҳои мизоҷ ва хосиятҳои ба худ хоси онҳо шароит фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки писарону духтарон дар рафти азхудкунии доніш бо ҳамдигар ва ҷомеа ҳамкории муассир дошта бошанд.

Ҳамчунин **боби сеюми рисола "*Таҳлили амалии хусусиятҳои гендерии хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии доніш*"**, ки аслан таҳқиқи амалии хусусиятҳои гендерии хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар раванди азххудкунии донішро дар бар мегирад, дар чаҳорчӯби худ меъёр, нишондиҳанда ва методикаҳои ташхисӣ барои муайян кардани самаранокии донішазхудкунии наврасон дар алоқамандӣ бо типҳои мизоҷ, фаъолияти олии асаб ва хосиятҳои ба худ хоси онҳо оварда шудааст.

Бешубҳа низоми таълими ба гендер нигаронидашуда рушди психологӣ ва синну солии наврасонро дар зинаи дахлдори таҳсил ба назар гирифта, ба инкишофи мутаносиби шахсият вобаста ба ҷинс мусоидат намуда, барои муқоисаи муносиби типҳои мизоҷ, фаъолияти олии асаб ва хосиятҳои ба худ хоси писарону духтарон замина мегузорад.

Маврид ба гуфтанист, ки албатта ҳар як боби рисола дар фарҷоми худ қисмати хулосавиро дошта, дар онҳо натиҷагирии илмӣ аз муҳтавои бобҳои ҷудогонаи рисола дарҷ шудаанд, ки то андозае дарки мушаххаси мазмуни бобҳои рисоларо барои хонанда таъмин мекунанд.

Чун қоида рисолаи илмии Бобоёров Х.Х. барои дарёфти *дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология* дар интиҳои хеш **хулосаи ҷамъбастӣ** ва **феҳрасти манобеи истифодашуда**ро фаро гирифтааст, ки ҳамагӣ нишони мутобиқсозии рисола ба талаботи қабулгардида дар ин ҷода мебошанд.

Бобоёров Холмаҳмад дар навиштани рисолаи илмӣ барои тақвияти идеяҳои хеш аз адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ, рисолаҳои илмӣ, монографияҳо, маҷаллаҳои илмӣ, маводи интернетӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти психологӣ, физиологӣ ва педагогӣ зиёд истифода бурдааст. Дар рисолаи илмӣ мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар бахшҳои таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ иҷро шуда, дорои навгониҳои илмӣ мебошад. Унвонҷӯ дар навиштани кори илмӣ қобилияти баланди ба таври мустақилона гузаронидани таҳқиқоти илмиро нишон додааст. Натиҷа ва хулосаҳои бадастоварда асоснок буда, худи рисолаи илмӣ таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта ба шумор меравад.

Илова бар ин, шарҳу тавзеҳи рисола гувоҳи ошкор аз заҳматҳои чандинсолаи натиҷабахши унвонҷӯ Х.Х. Бобоёров буда, зарурати ҳарчӣ зудтар мавриди муҳокима ва дифоъ пешбарӣ гардидани онро тақозо менамояд.

Ҳамаи пешниҳод ва нуқтаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашуда асоснок буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ тасдиқ шудаанд ва аҳамияти илмӣ доранд. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро пурра ифода менамоянд. Мавзуъ, ихтисоси илмии интихобшуда, мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Бобоёров Холмаҳмад ба шиносномаи ихтисос мувофиқат менамояд ва ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Бинобар ин, рисолаи илмии Бобоёров Холмаҳмад зери мавзуи **«Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш»** таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти *дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология* мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: **Н.М. Юнусова**

«22» феврали соли 2025

Суроға: 73403, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ
кӯчаи М. Холов, х.4 ҳ.30
Телефон: +(992) 907 974807
E-mail: nafisa48@mail.ru

«*Имзои* ***Юнусова Н.М.*** *-ро тасдиқ мекунам*»:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ **Э.Ш. Тавқиев**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17
Телефон: 2218013
E-mail: info@tnu.tj
«24» феврали соли 2025